# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ НАФАҚАВӢ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 198)

Қонуни мазкур асосҳои танзими давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ба танзим медарорад, инчунин вазъи ҳуқуқии субъектҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, заминаҳои пайдоиш ва тартиби татбиқи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо ва ҷавобгарии субъектҳои суғуртаи ҳатмии нафақавиро муайян мекунад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- суғуртаи ҳатмии нафақавӣ - шакли танзими давлатии муносибатҳои нафақавӣ, ки ба ташкили баҳисобгирии пардохти саҳмҳои нафақавӣ асос ёфтааст;
- ҷуброни суғуртавӣ - иҷрои ҳатмии ӯҳдадориҳои мақоми ваколатдори давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар назди шахси суғурташуда дар мавриди фаро расидани ҳолатҳои суғуртавӣ бо роҳи пардохтҳои иҷтимоӣ;
- маблағҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ - маблағҳое, ки дар идоракунии мақоми ваколатдори давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавӣ қарор доранд;
- буҷети муассисаи суғурта - шакли ташаккул ва сарфи маблағҳо бо мақсадҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавӣ;
- андӯхти нафақавӣ - маблағҳои суғуртавии дар тамоми давраи фаъолияти меҳнатӣ супоридашудаи шахси суғурташуда ва даромадҳо аз ҳисоби истифодабарии ин маблағҳо, ки дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродии ӯ қайд гардидаанд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

## БОБИ 2. МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚӢ ОИД БА СУҒУРТАИ ҲАТМИИ НАФАҚАВӢ

**Моддаи 3. Мақоми ваколатдори давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавӣ**

1. Суғуртаи ҳатмии нафақавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавӣ (минбаъд - муассисаи суғурта), ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, амалӣ менамояд.
2. Давлат барои ӯҳдадориҳои муассисаи суғурта дар назди шахсони суғурташуда масъулияти иловагӣ дорад.

**Моддаи 4. Таваккалҳои иҷтимоӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ**

1. Таваккали иҷтимоӣ дар Қонуни мазкур аз ҷониби шахси суғурташуда ҳангоми аз даст додани музди меҳнат (пардохт, подош ба манфиати шахси суғурташуда) ё дигар даромад эътироф карда мешавад.
2. Намудҳои таваккалҳои иҷтимоӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ инҳо мебошанд:
- фаро расидани пиронсолӣ;
- маъюбӣ;
- маҳрум шудан аз саробон;
- фавти нафақагир.

Моддаи 5. Ҳолати суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ

Ҳолати суғуртавӣ татбиқи яке аз намудҳои таваккали иҷтимоӣ мебошад, ки дар қисми 2 моддаи 4 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд.

**Моддаи 6. Ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ**

1. Дар мавриди фаро расидани ҳолати суғуртавӣ муассисаи суғурта ӯҳдадор аст ба шахси суғурташуда ҷуброни суғуртавии зеринро пардохт намояд:

- нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол;
- нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ;
- нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон;
- кӯмакпулӣ барои дафни нафақагири фавтидае, ки дар рӯзи фавт кор намекард.

2. Таъин, пардохт ва муайян намудани давраи ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 7. Саҳмҳои нафақавӣ**

Маблағҳои саҳмҳои нафақавии барои шахси суғурташуда ба буҷети муассисаи суғурта воридгардида дар суратҳисоби инфиродии ӯ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ" ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Моддаи 8. Андӯхти нафақавӣ**

1. Андӯхти нафақавии шахсони суғурташуда аз ҳисоби саҳмҳои нафақавии супоридашудаи суғуртакунандагон ва ё шахсони суғурташуда ташаккул меёбад ва дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ" ба ҳисоб гирифта мешавад.

2. Тартиби пардохти маблағҳои андӯхти нафақавии шахсони суғурташуда бо қоидаҳои пардохти маблағҳои андӯхти нафақавӣ аз суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, муайян мегардад.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти давлатӣ оид ба суғуртаи ҳатмии нафақавӣ**

Ба ваколатҳои мақомоти давлатӣ оид ба суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дохил мешаванд:
- тасдиқи буҷети муассисаи суғурта ва ҳисобот дар бораи иҷрои он;
- муқаррар намудани тартиби қабул ва иҷрои буҷети муассисаи суғурта;
- муайян намудани тартибу шартҳои ташаккулёбӣ, ҷобаҷогузорӣ ва сармоягузории маблағҳои андӯхти нафақавӣ;
- муайян намудани тартиби нигоҳдории маблағҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ;
- идоракунии низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ;
- таъмини устувории молиявӣ ва тавозуни низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, аз ҷумла бо роҳи таъмини воридоти маблағҳои пардохтҳои ҳатмӣ дар ҳаҷме, ки буҷети муассисаи суғурта пешбинӣ намудааст;
- муайян намудани тартиби истифодаи маблағҳои озоди муваққатии суғуртаи ҳатмии нафақавӣ;
- амалӣ намудани назорати давлатӣ ва назорати татбиқи ҳуқуқи шахсони суғурташуда ба ҷуброни суғуртавӣ.

**Моддаи 10. Ӯҳдадориҳои муассисаи суғурта**

Муассисаи суғурта ӯҳдадор аст:
- асосноккунии андозаи тарофаи саҳмҳои нафақавиро тайёр намояд;
- дар асоси маълумоти баҳисобгирии инфиродӣ нафақаи суғуртавиро сари вақт таъин, бозҳисобӣ ва пардохт намояд, кӯмакпулиро барои дафни нафақагири фавтида, ки дар рӯзи фавташ кор намекард, пардохт кунад;
- назорати асосноккунии пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои таъин, бозҳисобии маблағҳои нафақаи суғуртавӣ, аз ҷумла бо шартҳои имтиёзнок бинобар шароити махсуси меҳнат амалӣ намояд;
- лоиҳаи буҷети муассисаи суғуртаро таҳия намуда, иҷрои онро таъмин намояд;
- ба суғуртакунандагон, шахсони суғурташуда, ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз вазъи молиявии худ мунтазам бо тартиби муқарраргардида иттилоъ диҳад ва барои таъмини устувории молиявиаш тадбирҳо андешад;
- истифодаи мақсадноки маблағҳои суғуртаи ҳатмии нафақавиро таъмин ва назорат намояд;
- маблағҳои аз рӯи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ воридгардидаро ба ҳисоб гирад;
- махзани маълумоти давлатии тамоми гурӯҳҳои суғуртакунандагон, аз ҷумла, шахсони воқеиро, ки ихтиёран ба муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба суғуртаи ҳатмии нафақавӣ шомил гардидаанд, баҳисобгирии инфиродии маълумотро дар бораи тамоми гурӯҳҳои шахсони суғурташуда тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ" таъсис диҳанд;
- реҷаи пешбурди қисми махсуси суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташударо мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд;
- дар фаслҳои дахлдори қисми махсуси суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда ба қисми маблағҳои андӯхти нафақаи суғуртавӣ ворид шудани маблағҳои саҳмҳои нафақавӣ, андозаи нафақаи суғуртавии таъиншуда ва маблағҳои пардохтро аз ҳисоби маблағҳои андӯхти нафақавӣ сари вақт ба ҳисоб гирад;
- ташкили баҳисобгирии саривақтии даромад аз сармоягузории маблағҳои суғуртаи ҳатмии нафақавиро дар фаслҳои дахлдори қисми махсуси суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда таъмин намояд;

- ба суғуртакунандагон вобаста ба масъалаҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ройгон маслиҳат диҳад ва дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба суғуртаи ҳатмии нафақавӣ маълумот диҳад;
- тавассути сохтори ҳудудии худ барои шахсони суғурташуда доир ба масъалаҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ машваратҳои ройгон ташкил намояд.

## БОБИ 3. НИЗОМИ МОЛИЯВИИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ НАФАҚАВӢ

**Моддаи 11. Буҷети муассисаи суғурта**

1. Маблағҳои буҷети муассисаи суғурта моликияти давлатӣ маҳсуб ёфта, ба муассисаи суғурта бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вобаста карда шудаанд, вале ба таркиби буҷетҳои дигар дохил намешаванд ва мавриди мусодира, андозбандӣ ва ситонидани дигар пардохтҳои ҳатмӣ қарор намегиранд.
2. Буҷети муассисаи суғурта барои соли молиявӣ бо назардошти тавозуни ҳатмии даромаду хароҷоти буҷети мазкур таҳия карда мешавад. Буҷети муассисаи суғурта ва ҳисоботи иҷрои он ҳар сол бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.
3. Дар таркиби буҷети муассисаи суғурта маблағҳои андӯхти нафақавӣ, ки ба сармоягузорӣ равона гардидаанд, пардохтҳо аз ҳисоби маблағҳои андӯхти нафақавӣ, инчунин хароҷоти буҷети муассисаи суғурта, ки бо ташаккулёбӣ ва сармоягузории маблағҳои андӯхти нафақавӣ, пешбурди қисми махсуси суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда ва пардохти қисми андӯхтии нафақаи суғуртавӣ алоқаманд мебошанд, ба таври алоҳида  ба ҳисоб гирифта мешаванд.
4. Маблағҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар суратҳисоби муассисаи суғурта дар Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк"  нигоҳ дошта мешаванд.

**Моддаи 12. Ташаккулёбии буҷети муассисаи суғурта**

Буҷети муассисаи суғурта аз ин ҳисоб ташаккул меёбад:
- саҳмҳои суғуртавӣ;
- маблағҳои буҷети давлатӣ;
- маблағҳои товон ва дигар муҷозоти молиявӣ;
- даромад аз ҷобаҷогузорӣ ва сармоягузории маблағҳои озоди муваққатии суғуртаи ҳатмии нафақавӣ;
- саҳмҳои ихтиёрӣ ва маблағҳои хайрияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба сифати суғуртакунандагон ё шахсони суғурташуда онҳоро пардохт накардаанд;
- манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**Моддаи 13. Харҷи маблағҳои буҷети муассисаи суғурта**

1. Маблағҳои буҷети муассисаи суғурта таъиноти мақсаднок дошта, ба мақсадҳои зерин равона мегарданд:
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба пардохт ва индексатсияи нафақаи суғуртавӣ ва кӯмакпулӣ барои дафни нафақагире, ки дар рӯзи фавташ кор намекард, барои ба суратҳисоби инфиродии шахси берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурташуда гузаронидани маблағҳои арзишаш баробари маблағҳои андӯхти нафақавии дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродии шахси мазкур баҳисобгирифташуда;
- дастрасгардонии нафақае, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети муассисаи суғурта пардохт карда мешавад;
- таъминоти молиявӣ ва моддию техникии фаъолияти ҷории муассисаи суғурта, аз ҷумла таъминоти сохтори ҳудудии он.
2. Хароҷоте, ки дар буҷети муассисаи суғурта барои соли дахлдор пешбинӣ карда нашудааст, танҳо баъди ворид намудани тағйирот ба буҷети мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.
3. Таъминоти молиявӣ ва моддию техникии фаъолияти ҷории муассисаи суғурта бо назардошти таъминоти сохтори ҳудудии он набояд аз ду фоизи буҷети муассисаи суғурта зиёд бошад.

**Моддаи 14. Фонди захиравии муассисаи суғурта**

1. Барои таъминоти дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати устувории молиявии низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар ҳолати ба вуҷуд омадани маблағҳои зиёдатии буҷети муассисаи суғурта фонди захиравӣ таъсис дода мешавад.
2. Тартиби ташаккулёбӣ ва хароҷоти фонди захиравии муассисаи суғурта тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 15. Назорати истифодаи маблағҳои  буҷети муассисаи суғурта**

Назорати истифодаи маблағҳои буҷети муассисаи суғурта тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии дахлдор амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 16. Тарофаи саҳмҳои нафақавӣ**

1. Тарофаи саҳмҳои нафақавӣ аз андозаи саҳмҳои суғуртавӣ иборат буда, барои ба воҳиди ченаки заминавӣ ҳисобӣ намудани саҳмҳои нафақавӣ пешбинӣ шудааст.
2. Тарофаи саҳмҳои нафақавӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 17. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 18. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
19 марти соли 2013,
№ 955